*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, манзур шудааст.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо маҳдудияти захираҳои молиявии дохилӣ, нокифоягии сармоягузориҳои дарозмуддат, сатҳи муайяни вобастагӣ аз сарчашмаҳои берунаи маблағгузорӣ ва зарурати таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ тавсиф мегардад, масоили марбут ба ҷалб ва истифодаи самараноки сарчашмаҳои қарзӣ аҳаммияти стратегӣ касб менамояд. Дар чунин шароит, воситаҳои қарзӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми молиявӣ ва манбаи нисбатан дастраси сармоягузорӣ баромад намуда, метавонанд ба раванди навсозии техникию технологии корхонаҳо, таҷдиди сохтории истеҳсолот, афзойши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, такмили асосҳои институтсионалӣ ва механизмҳои қарздиҳӣ, диверсификатсияи абзорҳои молиявӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ, махсусан корхонаҳои соҳаи саноати сабук, ба захираҳои қарзӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувор ва мутавозини соҳаҳои воқеии иқтисодиёт баромад менамояд. Дар ин замина, истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ на танҳо ба тавсеаи фаъолияти истеҳсолӣ мусоидат мекунад, балки барои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Вобаста ба ин, мавзуи таҳқиқотии мазкур ба масъалаи муҳим ва мубрами рушди иқтисоди миллӣ, яъне таъмини рушди устувори саноати сабук тавассути истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи маҳқиқотӣ саривақтӣ, илмӣ, асоснок ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия сатҳи омӯзиши масъала ба таври зарурӣ ва мантиқӣ инъикос ёфта, муаллиф дар асоси таҳлили корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ заминаи назариявии таҳқиқотро асоснок ва ташаккул додааст. Ҳамзамон, нишон дода мешавад, ки як қатор ҷанбаҳои муҳимми истифодаи воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабук дар шароити миллӣ то ҳол таҳқиқи амиқ ва такмилро талаб менамоянд.

Мақсади таҳқиқот аз таҳияи муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои методӣ ҷиҳати такмили истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин асоснок намудани механизмҳои дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои қарзӣ иборат мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, муаллиф маҷмуи вазифаҳои мушаххаси илмиро муайян ва ҳал намудааст, ки мантиқан ба ҳадафи таҳқиқот мутобиқ мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар рушди муқаррароти назариявию методологии қарздиҳии бонкӣ ва асоснок намудани механизмҳои амалии истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада дорои унсурҳои навоварӣ буда, ба такмили равишҳои мавҷудаи маблағгузории соҳа ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои қарзӣ мусоидат менамоянд. Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсия ва пешниҳодҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати қарзӣ ва барномаҳои рушди саноати сабук истифода шаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди арзишманд будани натиҷаҳои таҳқиқот ва навгонии илмии он, дар автореферат баъзе ҷанбаҳои марбут ба асосноккунии амалии механизмҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ ва таъмини дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба захираҳои қарзӣ ба таври кофӣ муфассал инъикос нагардидаанд. Аз ҷумла:

- мушаххас намудани фишангҳои молиявию институтсионалӣ ва шароити татбиқи пешниҳодҳои методӣ метавонист робитаи байни натиҷаҳои назариявӣ ва татбиқи амалии онҳоро боз ҳам пурзӯр намояд.

Ин равиш метавонист робитаи мутақобилаи байни натиҷаҳои назариявӣ ва имкониятҳои татбиқи амалии онҳоро боз ҳам устувортар ва муназзамтар гардонад. Бо вуҷуди ин, эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши умумии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Курбоналӣ таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.

«01» 05 соли 2026

Имзои К.О. Бобозодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИД АМИТ Махсутшоева З.Д.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А. Телефон: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65; Fax: +992 (37) 221-67-50; Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

«01» 05 соли 2026.